*Шӯрои диссертатсионии*
*6D.КОА-004-и назди донишгоҳи*
*миллии Тоҷикистон бо суроғаи:*
*734025, ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ 17*

**Тақриз**

**ба автореферати рисолаи илмии Файзуллоев Меҳроб Кароматуллоевич дар мавзӯи “Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - молия, муомилоти пул ва қарз (илмҳои иқтисодӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар натиҷаи омӯзиши кори илмӣ-тадқиқотии диссертант ба мо маълум гардид, ки дар солҳои охир барои мукаммалгардонии сиёсати пулию қарзӣ корҳои басо назаррас ба анҷом расонида шудаанд. Ба таври мисол метавонем қайд намоем ки, дар самти мукаммалгардонии вазъи қонунгузорӣ, беҳтар шудани ҳолати амалии муносибатҳои молиявӣ ва инчунин алоқамандии вазъи иҷтимоӣ низ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд. Мутаассифона, дар шароити имрӯза асосҳои назариявии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ то ин ҷониб ба таври зарурӣ таҳқиқ нашудааст, ки ин ҳолатҳо актуалӣ будани мавзӯи интихоб намудаи унвонҷӯро нишон медиҳад.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки сарчашмаҳои ташкилнамоии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ хусусияти пайдарпаӣ доранд. Ин ҳолатро унвонҷӯ дар банди якуми навгонӣ ба таври бояду шояд нишон додааст.

Яке аз самтҳои асосии фарқкунандаи автореферати унвонҷӯ дар он дида мешавад, ки дар баробари кушодани моҳияти назариявии сарчашмаҳои ташкилнамоии захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, унвонҷӯ сохт ва таркиби сармояи бонк, сохт ва таркиби воситаҳои ҷалбкардаи бонки тиҷоратӣ ҳамчунин омилҳои дастрасӣ ба рушди устувори иқтисодро вобаста ба фаъолияти хизматрасонии бонкӣ ва институтҳои молиявии он дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳоро илман асоснок намудааст.

Мусаллам аст, ки дар шароити имрӯза аҳамияти ҷиддиро чараёни ташкилнамоии уҳдадориҳои бонкӣ касб менамояд, ки бо муносибгардонии сохтор ва сифати идоракунӣ аз рӯйи ҳамаи сарчашмаҳои воситаҳои пулӣ, ки иқтидори захиравии бонки тиҷоратиро таъсис медиҳанд, алоқаманд мебошад. Аз ин хотир, барои мо зарур аст, ки устуворгардонии фаъолияти рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон таҳияи нақша чорабиниҳои давлатӣ дар самти таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ шарти муҳим арзёбӣ мегардад, ки барои пешрафти он чороҳои зарурӣ андешем.

Дар баробари оне, ки автореферат ҷиҳатҳои мусбиро дорост, инчунин яққатор камбудиҳо ва хатогиҳо ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд қайд намуд. Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки диққати асосиро муаллиф бояд ба омилҳои таъсиррасоне, ки аз нигоҳи ташкилотҳои молиявию қарзии байналхалқӣ заруранд дида мебаромад.

Дигар ҳолат дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф дар саҳ. 20 (расми 4) ҳангоми таҳлили алоқамандии унсурҳо дар низоми таъмини захираҳои бонкӣ, моҳияти расми мазкур дар поён возеҳу равшан баён карда нашудааст.

Камбудиҳои овардашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии тадқиқоти илмии унвонҷӯйро коҳиш намедиҳанд ва ҳамчун тавсия баҳри баланд бардоштани сифати кори илмӣ гуфта шудаанд.

Дар ҳаминҷо метавон гуфт, ки автореферати илмии Файзуллоев Меҳроб Кароматуллоевич дар мавзӯи “Масоили назариявӣ ва амалии таъмини иқтисодиёт бо захираҳои қарзӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шудааст ба ҳамаи талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад, унвонҷӯ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - молия, муомилоти пул ва қарз (илмҳои иқтисодӣ) мебошад.

Декани факултети иқтисодиёт ва молияи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Сатторов А.А.

Суроға: 734061, ш. Душанбе,
к. Н.Қарабоев, 63/3.
Тел.факс: (+992-37) 2347988
E-mail: s_rasul3131@mail.ru
Тел. моб. (+992) 918133131

Имзои н.и.и., дотсент
Сатторов А.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва КМ-и ДТТ Бухориев Н.А.